**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Назирқулов Тағаймурод Абдурасулович «Технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ**

Дар давраи гузариш ба ҷомеаи демократӣ ва муносибатҳои бозаргонӣ дар назди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо ҷиддияти махсус вазифаи муҳим гузоштааст – тарбия намудани омӯзгори ҷомеаи навин, омӯзгоре, ки омода аст муқаррароти нав дар соҳаи маорифро дар ҳаёт татбиқ намояд. Аз дараҷаи тайёрии касбӣ ва салоҳиятдории омӯзгор, аз мавқеи шаҳрвандии ӯ ташаккули маънавии ҷомеаи муосир, натиҷаҳои фаъолияти ҷамъиятӣ ва симои насли ҷавон вобастагии мустақим дорад.

Дар замони муосир раванди ҷаҳонишавӣ доираи муносибатҳои байналмилалӣ ва майдони равобити фарҳангиро фаррох намуда, зарурати эҳёи анъанаҳои фарҳанги миллӣ ва беҳдошти асолати онҳоро тақозо менамояд. Дар ин росто рушди фарҳанги миллӣ барои таҳаввули муносибатҳои байнидавлатӣ дар самти эҳёи ҳунарҳои бадеии халқӣ ва ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддӣ аҳамияти бағоят муҳим дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистони тозабунёд бо анъанаҳои ҳазорсолаи фарҳангӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ мавқеи аввалиндараҷа дорад.

Яке аз самтҳои муҳими «Қонун дар бораи маориф» – эҳёи фарҳанги миллӣ, ҷалб намудани ҷавонон ба арзишҳои маънавӣ ва ахлоқӣ, тадбиқи тарбияи миллӣ тавассути санъати миллӣ мебошад. Дар санади меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф таъкид гаштааст, ки баланд бардоштани сифати таълими техникӣ, таҳкими пайвастагии омӯзиш бо ҳаёт, истифодаи анъанаҳои халқӣ дар таълим, такмили ихтисоси омӯзгорони оянда ба кори сермаҳсул ба нафъи ҷомеа вазифаи асосӣ дар соҳаи маориф мебошад.

Таҳқиқу омӯзиш ва баррасии автореферати диссертатсия собит мекунад, ки тарбияи босифати омӯзгорони забони англисӣ технологияи

махсуси педагогиро талаб намуда, устодони фанниро водор ба масъулиятшиносӣ менамояд. Дар замони муосир аз омӯзгори ояндаи забони англисӣ на танҳо забондонӣ, балки дониши фарҳангу ахлоқи баланд, муоширати сатҳи олӣ ва муносибати касбӣ ба фаъолияти ояндаи худ менамояд.

Муаллифи рисолаи илмӣ кӯшиш намудааст, паҳлуҳои гуногуни ин масъаларо равшан намуда, тавсия менамояд, ки барои баланд бардоштани тайёрии муаллими забони англисӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбии педагогӣ чунин таҳсилоте бояд ташкил дода шавад, ки ба омӯзгори оянда имкон диҳад, то тамоми бурду бохти фаъолияти омӯзгориро на танҳо дар назария омӯзад, балки дар амал бо онҳо рӯ ба рӯ гардад. Ҳанӯз аз курсҳои поёнӣ (дуюм) метавон донишҷӯёнро бо ҳар роҳу восита ба касби пуршарафи омӯзгорӣ дилгарм сохт. Ҳамин тариқ, дар донишкадаю донишгоҳҳои омӯзгорӣ таҳсил карда, муаллими забони англисӣ, пеш аз ҳама, омӯзгори дорои дараҷаи сатҳи баланди ахлоқу фарҳангӣ бошад.

Муҳаққиқ натиҷаи кори ба анҷомрасонидаашро дар муқаддима, ду боб ва хулоса инъикос намуда, аз адабиёти қобили қабул истифода бурдааст. Рисола аз 177 саҳифа иборат буда, диаграммаю ҷадвалҳои алоҳида ҷой дода шудааст. Ҳангоми бурдани тадқиқот диссертант аз беш аз 200 адабиёти илмию таълимӣ истифода намудааст.

Интихоби номи мавзӯи таҳқиқ «Технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони оянддаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» хеле бомаврид ва саривақтӣ буда, мубрамияти он ба аҳли зиё ва олимони соҳа маълум мебошад.

Муқаддимаи кор тибқи стандарту талаботҳои КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон мураттаб сохта шуда, мақсаду вазифаҳо, объекту фарзия, навгонӣ ва дигар маълумотҳо оварда шудаанд. Қисмати мазкури кор мазмунан ва мантиқан шахсро ба кор ворид месозад.

Дар боби аввал, ки «Асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори забони англисӣ» ном гигирифтааст,

диссертант ба ақидаи олимони ватанию хориҷии соҳа, методистон ва нафароне, ки фаъолияти касбиашон бевосита ба таълими забонҳои хориҷӣ равона шудааст, такя намудааст.

Дар боби дуюми рисолаи илмӣ-тадқиқотӣ «Технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони забони англисӣ» қисмати амалии он ба шумор рафта, аввалан интихоби роҳу усулҳои таълим, воситаҳои таълим, истифодаи онҳо, баъдан натиҷагирӣ аз омӯзиши экспериментали ва хулосаи ниҳоии муҳаққиқ рӯи кор оварда шудааст. Дар ин қисмат ба назарияи таҳқиқ такя намуда, Назирқулов Тағаймурод корҳои илмӣ-амалӣ гузаронидааст. Натиҷаи назарсанҷию гузаронидани тестҳо, пурсишномаҳо ва дарсҳои экспериментали ҷамъоварӣ гашта, дар зербоби 2.3 инъикос ёфтааст.

Хулосаи ниҳоии диссертатсия ҷамъи ақидаю назари диссертантро нишон медиҳад. Дар ин қисмати кор Назирқулов Тағаймурод вобаста ба ҷамъбасти тадқиқот, муайян намудани мушкилот, роҳҳои рафъи он маълумот дода, пешниҳодоти худро манзур намудааст.

Баъзе хатогиҳои луғавӣ ва имлоӣ ҳам дар ҳама қисмати назариявии кор ва ҳам дар қисмати амалии рисола камтар дида мешаванд.

Натиҷаи таҳқиқи илмӣ ба конференсияҳо, мизҳои мудаввар пешниҳод гардида, дар нашрияҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КАО-и Федератсияи Русия рӯи чоп омадаанд.

Матни автореферат бо таваҷҷуҳи соҳа таҳия шуда, мавқеи муаллифи таҳқиқотро ифода мекунад, сифати баланди таҳлили тадқиқотҳои қаблан иҷрошударо нишон медиҳад, таҳлили асарҳои илмӣ ва маводи таълимиро инъикос мекунад. Натиҷаҳои тадқиқот навоварии илмӣ дошта, дорои арзиши амалӣ мебошанд.

Баъди шиносоӣ бо автореферати диссертатсияи Назирқулов Тагаймурод Абдурасулович «Технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-

ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» метавон ба хулосае омадан, ки диссертатсияро кори мукаммали илмии ба анҷомрасида ҳисобидан мумкин аст. Он пурра ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, худи диссертант Назирқулов Тағаймурод Абдурасулович арзандаи дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи рамзи 13.00.08 мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
ноиби ректори Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон Аҳмадзода Зулфия Кабир

Робита бо тамос:
7340003,ҶТ, ш. Душанбе,
кӯчаи Саид Носир-33
Тел: 985 45 99 80; 2245386
Э-почта: zulfiya@mail.ru

Имзои дотсент Аҳмадзода З.К-ро
тасдиқ менамоям. Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси АИД назди Президенти ҶТ Суфиев Ф. Р.